10 06 2019



**Мардум рӯзхои сангини чанги шахрвандиро ба хукми таърих вогузошта, рӯ ба ободонию созандагӣ, бунёди пояи зиндагии шоиста ниходаанд. Мардуми ба вахдатомада шукронаи сулху амонӣ карда, бо дастуру хидоятхои созандаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар кишвар, яъне аз маркази шахру навохӣ то дурдасттарин дехаву махалла корхои ободониро вусъат бахшидаанд.**

Дар таквими охири садаи XX дар чомеаи чахонӣ табаддулоти куллии сиёсӣ ва ичтимоӣ ба амал омад. Давлати абаркудрати Иттиходи Шӯравӣ бархам хӯрд ва чумхурихои тобеи он рохи мустакилиятро пеш гирифтанд. Дар харитаи чахон давлатхои нави мустакил пайдо шуданд. Дар ин катор Чумхурии Точикистон низ рохи рушди озодонаро пеш гирифт. Ин рох барои давлати чавон рохи осон набуд.

Мутаассифона, бо дахолати куввахои бадхохи беруна, ки рушди давлати точиконро намехостанд, накшаи аз байн бурдани он ва миллати точикро тархрезӣ карданд. Дар натича дар Точикистон чанги шахрвандӣ сар зад. Чанг бадбахтихои зиёд овард. Бародар бо бародар ва писар бо падар душман шуда, чониби якдигар тир холӣ мекарданд.

Осмони кишвар тираву замини зархези он огӯштаи хун гардида буд. Горату дуздӣ, катлу куштор ва гаравгонгирии одамони бегунох огоз ёфт. Молу дороии солхои зиёд чамъовардаи мардум ба ягмо рафт.
Чойи зикр аст, ки чанги шахрвандӣ дар таърихи халку миллатхои чахон зухуроти нав нест ва онро халки точик низ аз сар гузаронд. Рохи вахдати миллӣ аз 26 ноябри соли 1992 огоз ёфт ва дар хамин рӯзи такдирсоз дар Касри Арбоби шахри Хучанд дар Ичлосияи XVI Шӯрои Олӣ Сарвари тозаинтихоби давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон савганд ёд намуданд: “Ман ба шумо сулх меоварам”.       Пешвои миллат аз раванди пур аз мушкилоти музокироти тӯлонии давлат бо Иттиходи нерухои мухолифин борхо ёдрас шуда, чунин гуфтаанд: “Махз бо талабу дархост ва майлу иродаи мардуми кишвар ва танхо ба хотири аз харитаи сиёсии чахон нест нашудани давлати сохибистиклоламон ва пароканда нагардидани миллатамон мо бо Иттиходи нерухои мухолифин музокиротро огоз кардем. Дар натичаи гуфтушунидхои тӯлонӣ, ки дар гӯшаву канори гуногуни олам зиёда аз чил мох идома ёфтанд, мо чил санади барои миллат мухимро ба имзо расондем. Нихоят, баъд аз мухолифоти мусаллахонаи зиёда аз панчсола Созишномаи умумии истикрори сулх ва ризоияти миллӣ дар Точикистон ба имзо расид. Аз ин рӯ, 27 июни соли 1997 дар таърихи давлатдории навини Точикистон хамчун рӯзи тантанаи оромиву хадафхои начиби халки точик дар рохи душвори баркарор намудани сулху вахдати миллӣ ва амалӣ намудани карорхои Ичлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ ба хисоб меравад”.
Соли 2015 аз тарафи мардуми Точикистон Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат эътироф шудани Президенти махбубамон мухтарам Эмомалӣ Рахмон ин кадрдонии хизматхои бузурги фарзанди фарзонаи миллат дар рохи бастани сулхи точикон ва хизматхои давраи баъдичангиашон мебошад. Тавре маълум аст, баъди бастани созишномаи сулх дар Точикистон давраи нави сулхсозӣ огоз гардид, ки барои татбики он Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) таъсис ёфт. Фаъолияти комиссия 4 июни соли 1997 огоз гардида, аз 4 зеркомиссия: сиёсӣ, мухочират, низомӣ ва хукукӣ иборат буд. Фаъолияти комиссия то 31 марти соли 2000 давом кард.
Яке аз масъалахои асосии дар назди комиссия гузошташуда ин ба Ватан, ба чойхои зисти аввала баргардондани гурезахо буд. Пӯшида нест, ки бар асари чанги шахрвандӣ кариб як миллион хамватанонамон чойхои зисти доимиашонро тарк карда, ичборӣ ба хоричи кишвар (асосан, ба давлатхои Эрон, Афгонистон, Россия, Казокистон ва дигар давлатхои дуру наздик) рафта буданд ва баъди чандин солхои мухочират ба диёри худ баргаштанд.
Аксарияташон хонаю дари худро аз тарси чон партофта рафтанд, ки онхо аз тарафи шахсони алохида гасб гардиданд. Кисми дигаре бо маблаги ночиз манзили истикоматӣ ва молу холашонро фурӯхта буданд. Пас аз ин вокеахо дар судхои чумхурӣ бахсхои гражданӣ оид ба манзил ва характери амволидошта бамаротиб зиёд шуданд. Чунин бахсхо, асосан, дар нохияхои минтакаи Кӯргонтеппаи (хозира Бохтар)  вилояти Хатлон бештар мушохида мешуданд. Парвандахои гражданӣ сари вакт баррасӣ гашта, хонахои гурезагон аз шахсони бегона холӣ ва ба сохибонашон баргардонда шуданд. Ин холат умеди гурезахоро ба фардои нек дучанд мекард ва яке аз пайи дигаре ба Ватан бармегашт.
Махз барои чунин фаъолияти пурсамар ва накши фаъол доштан дар тахкими гояхои вахдати миллӣ дар он солхо як катор судяхо ва кормандони дастгохи суд бо мукофотхои давлатӣ кадр гардиданд.

Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Рахмон хеле хуб фармудаанд: “Истиклолиятро ба даст овардан ханӯз кам аст. Мо бояд истиклолият ва арзишхои онро чун гавхараки чашм хифз намоем”.

**Сайдалӣ Сирочиддин САЙВАЛӢ,**

**раиси суди нохияи Чалолиддини Балхӣ**